**ИҚТИБОС**

**аз суратҷаласаи № 3**

кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент

06 октябри соли 2022 ш.Панҷакент

Иштирок доштанд: 12 нафар аъзоёни кафедра

**РӮЗНОМА**

**1.** Муҳокима ва пешниҳоди диссертатсияи унвонҷӯи кафедра Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)

**Шунида шуд:** Унвонҷӯй Давлатов Давлат Амриддинович оиди мундариҷаи асосии мавзӯи диссертатсионии хеш баромад намуд. Сипас оид ба рисолаи муҳокимашаванда бо унвонҷӯй саволу ҷавоби иштирокчиён гузаронида шуд. Дар идомаи муҳокима номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мақсудов З.О. ва номзади илмҳои филология Ғаффоров М.Ҷ. баромад намуда, қайд намуданд, ки мавзӯи таҳқиқ гардида, яке аз муаммоҳои муҳими илми педагогикаи муосир маҳсуб меёбад. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти сершумори илмӣ унвонҷӯй масъалаҳои ҳалталаби онро аниқ намуда, аппарати илмии рисоларо ба таври амиқу возеҳ омода намудааст. Рисолаи мазкурро бо тозагии мавзӯи тадқиқотии хеш метавон як кори муҳими самти баррасии муаммои муҳими педагогӣ - мкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ унвон кард, ки то кунун ба ин масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст. Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие,

ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст, имкон медиҳад. Муқарризон ба диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) баҳои мусбӣ доданд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертацияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) кори тахассусӣ буда, мустақилона ба иҷро расидааст ва ба шиносномаи ихтисоси номбурда мутобиқ аст.
2. Диссертацияи мазкур барои ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Мудири кафедра Петрусевич А.А.

Котиби ҷаласа Зарипова Д.О.